*Ба шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-014*
*назди Донишгоҳи давлатии молия*
*ва иқтисоди Тоҷикистон*
*(734067, ш. Душанбе, кӯҷаи Нахимов 64/14)*

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ибодов Аваз Ҳасанович дар мавзӯи “Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешкаш карда шудааст.**

Дар шароити муосири инкишофи муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, маърифати молиявӣ ҳамчун унсури муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб меравад. Зеро инкишофёбии маърифати молиявӣ бевосита бо сатҳи некуаҳволии аҳолӣ вобастагии қавӣ дорад. Умуман ба таҳқиқи масъалаҳои бо маърифати молиявӣ вобастабуда ҳамчун объект ва предмети таҳқиқоти илмӣ дар солҳои охир диққати зиёд зоҳир карда шуда истодааст. Омӯзиши таҳқиқотҳо доир ба масъалаи маърифати молиявӣ нишон медиҳад, ки аз дараҷаи он сатҳи зиндагонии аҳолӣ вобастагӣ дошта, густариши он метавонад ба болоравии даромади пулии аҳолӣ мусоидат намояд. Ҷоиз ба таъкид аст, ки маърифати молиявӣ бештар бо соҳаи фаъолияти бонкӣ, суғуртакунӣ, раванди буҷетикунонии даромадҳои хонаводаҳо алоқаманд буда, идора намудани оқилонаи захираҳои пулиро таъмин менамояд. Маҳз аз сабаби бисёрҷабҳа, нисбатан кам коркард шудани муносибатҳои методӣ ва зарурати ҳалли масъалаҳои илмии ташаккулёбии маърифати молиявӣ, муҳимият ва саривақтии кори диссертатсионии Ибодов А.Ҳ. муайян карда мешавад.

Шиносоӣ бо автореферати диссертатсия нишон медиҳад, ки муаллиф дар асоси дуруст муқаррар намудани мақсад, вазифаҳо, объект ва предмети таҳқиқот ба натиҷаҳои назаррас ноил гаштааст.

Дар асоси омӯзиши корҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ, муаллиф тавонистааст, табиати маърифати молиявиро дар доираи муносибатҳои иқтисодӣ ба воситаи муколами илмӣ бо нишон додани унсурҳои таркибии маърифати молиявии аҳолӣ муайян намояд. (с.11). Дар ин росто муаллиф омилҳои ба раванди рушди маърифати молиявии аҳолӣ таъсиррасонандаро

гурӯҳбандӣ намудааст, ки омилҳои демографӣ ва сиёсӣ, фарҳангӣ ва равонӣ, инчунин омилҳои иқтисодӣ-иҷтимоиро фарогир мебошад. (расми 2, с. 11).

Бо истифода аз усули таҳлили эмпирикӣ дар автореферати тақризшаванда нишондодҳои низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

Муаллиф куллан дуруст қайд мекунад, ки "масъалаи муҳим дар раванди рушди маърифати молиявии аҳолӣ ҷалби пасандозҳои хонаводаҳо дониста шуда, ташкилоти қарзӣ дар ҳамон ҳолат муваффақияти худро дар бозори хизматрасониҳои бонкӣ таъмин намуда метавонад, ки қисмати зиёди маблағҳоро дар шакли пасандоз ва амонат ҷалб карда тавонад" (с. 14). Барои исботи ин ақидаи худ, Ибодов А.Ҳ. даромади моҳонаи аҳолӣ, музди меҳнати хонаводаҳоро ҳамчун нишондоди суръатбахандаи маблағгузории низоми бонкӣ таҳлил ва баҳогузорӣ кардааст.

Ҷоиз ба қайд аст, ки муаллиф бо як маҳорати баланди касбӣ дастрасии аҳолиро ба маҳсулоти бонкӣ таҳлил карда шудаанд.

Диссертатсиянавис дуруст қайд мекунад, ки "нақши давлат дар баландбардории маърифати молиявии аҳолӣ ва таҳрики ҳамкориҳои хонаводаҳо бо низоми бонкӣ дар диссертатсия исбот гардида, муқаррар карда шудааст, ки сатҳи пасти маърифати молиявӣ рушди бозорҳои молиявиро суст намуда, эътимодро ба институтҳои молиявӣ коҳиш медиҳад ва боиси сустшавии рушди иқтисодӣ, интиқоли таҷрибаи манфии молиявӣ ба насли наврас мегардад". (с. 18). Дар ин радиф аз тарафи уновнҷӯ вазифаҳои асосии давлат дар самти баланд намудани маърифати молиявӣ муқаррар карда шудааст.

Чунин муносибат ба муаллиф имкон фароҳам овард, ки модели консептуалии баланд бардоштани сатҳи маърифати молиявии аҳолӣ таҳия ва пешниҳод карда шудааст. (с. 19).

Хулоса ва пешниҳодҳое, ки дар автореферати диссертатсия оварда шудаанд, аҳамияти назариявӣ ва амалӣ доранд.

Новобаста ба дастовардҳои назарраси илмӣ, дар автореферати диссертатсия як қатор норасогиҳои хислати тавсиявӣ дошта ба назар мерасанд, ба монанди:

1. Хуб мешуд, агар дар ҷадвали 5 "Нишондиҳандаҳои пулии даромад, хароҷот ва имконияти пасандозгузории аҳолӣ" (с. 16) коэффитсиентҳои

рафтории майли миёна ва интиҳоӣ ба пасандозкунӣ ва истеъмолот ҳисоб карда мешуд. Зеро маҳз ҳамин коэффитсиентҳо метавонад оид ба имконоти пасандозгузории аҳолӣ иттилооти заруриро таъмин намояд.

2. Сатҳи илмии таҳқиқот боз ҳам баландтар мешуд, агар аз тарафи муаллиф музди меҳнати номиналӣ ва аслӣ вобаста ба минтақаҳои Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода мешуд.

Эродҳои зикршуда ба мазмун ва паҳлӯи мусбии диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонад. Ҳамаи эродҳо хислати тавсиявӣ доранд. Аз рӯи мутолиаи автореферати диссертатсияи тақризшаванда дар мавзӯи “Масъалаҳои ташаккули маърифати молиявӣ ҳамчун омили рушди низоми бонкӣ”, қайд намудан мумкин аст, ки он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.07 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ибодов Аваз Ҳасанович сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**мудири кафедраи назарияи иқтисодии**
**МДТ “ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров”,**
**д.и.и., профессор** **Алиджанов Д.А.**

Имзои мудири кафедраи назарияи иқтисодӣ
д.и.и., профессор Алиджанов Д.А.-ро тасдиқ менамоям.

Сардори Раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси МДТ
“ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров Наврӯзов Э.М.

735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд
гузаргоҳи Мавлонбеков 1
Тел: (83422) 6 52 73; 6 47 39; (+992) 92 845 00 54
Факс:(83422) 6 75 18;
E-mail: alijonov_jamshed@mail.ru